**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Одинаева Гулбону дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Ҳангоми пажӯҳиши паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоирони муосир шоироне, ки хеле машҳуранд ва бештар дар марказ зиндагӣ намудаанд, бартарӣ доранд. Ҷанбаҳои гуногуни ашъори шоирони минтақа нисбатан камтар мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобнамудаи диссертант Одинаева Гулбону Мадалиевна дар адабиёти муосир хеле мубрам ва саривақтист.

Дар нимаи дуюми асри ХХ мавзӯъҳои Ватан, истиқлолият, ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошанд, ки аз ҳама зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи адибони муосир қарор гирифтаанд. Баъд аз ба даст омадани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷодиёти Лоиқ шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафӣ, Гулназар Келдӣ, Ҳақназар Ғоиб ва дигар адибон ҳамчун мавзӯи марказии шеър густариш ёфт. Яке аз чунин шоирон Ҳақназар Ғоиб мебошад, ки ашъори шоир аз ҷиҳати мавзӯъ вв мундариҷа, махсусиятҳои жанрӣ, забон ва сабку услуб то ба ҳол мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Тибқи нишондоди муаллифи фишурда, таҳқиқ дорои муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати осори илмиву адабии марбути мавзӯъ буда, ҳар боб аз фаслҳо иборат мебошад. Дар муқаддима муҳаққиқ роҷеъ ба зарурат ва ҳадафи таҳқиқи мавзӯи мазкур, дараҷаву омӯзиши мавзӯъ, бозёфти илмӣ, методологияи тадқиқоти илмӣ, арзиши назарию амалии тадқиқот ва дигар масоили меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст.

Боби аввал аз се фасл иборат буда, доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳақназар Ғоиб, осори адабию бадеии шоир ва мавқеи достон дар ашъори ӯ бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар боби якум роҷеъ ба

шахсият, муҳити хонаводагӣ, таҳсилот, истеъдод ва самтҳои фаъолияти эҷодии Ҳақназар Ғоиб таваққуф карда, дар бораи маҷмӯаҳои осори адиб, мушаххасоти давраҳои эҷодиёт ва анвои ашъори шоир ибрози андеша намудааст. Зимни пажӯҳиш муҳаққиқ ба манбаъҳои боэътимоди илмӣ такя намуда, дар асоси омӯзиш, мусоҳибаву суҳбатҳои ҷудогона бо худи шоир ва дигар адабиётшиносон мавзӯъро хеле хуб баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюми таҳқиқот – «Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори лирикии Ҳ. Ғоиб, ки иншо гардида, аз се фасл фароҳам омадааст, муҳаққиқ зимни таҳлили ашъори шоир саъй намудааст, ки мавзӯи ишқу муҳаббат, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, васфи падару модар дар ашъори адибро мавриди пажӯҳишу пайгирӣ қарор диҳад.

Муҳаққиқ дар ин боб ба таври муътамад нишон дода тавонистааст, ки чӣ тавр мавзӯъҳои зикршуда дар ашъори шоир аз тасвири деҳу зодгоҳ, гузаштаи пурдарду пурифтихори миллати тоҷик, ҷоннисории ҷавонмардони тоҷик, манзараҳои табиат, қадру қимати волидон аз ҷиҳати мазмуну маъно фарогиртар мешаванд ва ба шеърҳои шоирони давраи нави тоҷик пайванд хӯрда, анъана ва суннатҳои мардумӣ, густариши маънавиёту фарҳанги ҷомеаро бо муҳаббату самимияти беандоза инъикос менамоянд.

Боби сеюми диссертатсия – «Ҳунари нигорандагии Ҳақназар Ғоиб» аз се фасл таркиб ёфта, ба таҳлилу таҳқиқи вижагиҳои забону тарзи баён, ибдооти шоирӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир бахшида шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳлили ашъори шоир маҳорати ҳунарӣ ва ибтикороти адабии Ҳақназар Ғоибро бо далоили қотеъ мушаххас месозад. Ин бобро метавон аз ҷанбаҳои арзишманди таҳқиқоти муаллиф маҳсуб донист..

Интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ, амиқандешӣ ва вусъати доираи таҳқиқ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ба натиҷаҳои

мушаххаси илмӣ ноил гардад ва маҳорату тозакориҳои адабӣ-ҳунарии ашъори Ҳақназар Ғоибро мушаххас намояд.

Дар баробари ин дастовардҳо зимни мутолиаи фишурдаи рисола маълум гардид, ки дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла:

- Беҳтар мебуд, ки боби якуми диссертатсия пурра ба ҳаёту фаъолияти шоир бахшида мешуд ва аз боби дуюм диссертант ба таҳлили ашъори шоир шурӯъ менамуд.
- Хуб мешуд, агар як боби пурраи диссертатсия ба мавқеи жанрҳо дар ашъори Ҳақназар Ғоиб бахшида мешуд ва муаллиф дар ин боб мавқеи ҳар як жанрро дар ашъори адиб таҳлил мекард.

Камбудиву навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, бо арзиши кор халал ворид намекунанд, вале ҳангоми ба чоп додани монографияи кор ба этибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, фишурдаи рисола нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Одинаева Гулбону дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмию филология аз руйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
забони тоҷикии ДДМИТ Раҳмонов М.

Имзои М. Раҳмонов тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.